*Барои пешрафт ва саодати халқи Тоҷикистон!*

ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН
НАРОДНАЯ ДЕМОКРАТИЧЕСКАЯ ПАРТИЯ ТАДЖИКИСТАНА

# ҲАМРОЗИ ХАЛҚ

ҲАФТАНОМАИ СИЁСӢ - ИТТИЛООТӢ

№ 50 (646),
25 декабри
соли 2025

Нашрияи Кумитаи иҷроияи
Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон
дар вилояти Хатлон

# МАРОСИМИ САРФАРОЗГАРДОНӢ БО ҶОИЗАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ СУЛҲИ БА НОМИ ЛЕВ ТОЛСТОЙ




Дар вазъияти тантанавӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ба роҳбарони давлатҳои Узбекистон ва Қирғизистон Ҷоизаи байналмилалии сулҳи ба номи Лев Толстой супорида шуд.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва сарони давлатҳои ҳамсояи мо бо ин ҷоизаи фахрӣ дар соли 2025 барои саҳми бузург дар таҳкими сулҳу амният дар минтақаи Осиёи Марказӣ сарфароз гардиданд.

Ёдовар мешавем, ки 31 марти соли 2025 дар нишасти сарони Тоҷикистон, Қирғизистон ва Узбекистон дар шаҳри Хуҷанд созишномаи таърихӣ дар хусуси сарҳадҳои се давлат ва эъломияи Хуҷанд доир ба дӯстии абадӣ ба имзо расида, масоили сарҳадии миёни се давлати ҳамсоя ҳалли ниҳоии худро пайдо намуданд.

Ин рӯйдодҳои таърихӣ ба таъмини амну субот, рушди устувор ва болоравии нуфузу эътибори байналмилалии минтақаи Осиёи Марказӣ ҳамаҷониба мусоидат намуд.

**www.prezident.tj**

**21** декабр дар толори Консерваторияи давлатии Санкт-Петербург ба номи Римский-Корсаков маросими супоридани Ҷоизаи байналмилалии сулҳи ба номи Лев Толстой ба роҳбарони давлатҳои Тоҷикистон, Узбекистон ва Қирғизистон баргузор гардид.



ПАЁМ-РОҲНАМОИ ТАТБИҚИ ИДЕЯҲОИ...- саҳ. 2



ИШТИРОКИ РАИСИ ВИЛОЯТ ДАР... - саҳ. 4



ПАЁМ-РОҲНАМОИ ҶОМЕА - саҳ. 6



САМАРАИ ТАШАББУСҲОИ ҲИЗБӢ ДАР... - саҳ. 7

# ПАЁМ-РОҲНАМОИ ТАТБИҚИ ИДЕЯҲОИ НИЗОМИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ

**Дар марҳилаи муосир яке аз муҳимтарин ҳуҷҷатҳои барномавие, ки дар муддати беш-тар аз бисту панҷ соли охир ҳадафҳо ва самтҳои муҳими давлатдории моро дар бахшу соҳаҳои муҳим таҳлилу арзёбӣ намудаю нақшаҳои минбаъдаро кор-кард ва дар заминаи он дурнамои рушди давлатдори-ро муайян менамоянд, паёмҳои ҳарсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ мебошанд.**



**Маликшо НЕЪМАТЗОДА,**
**муовини якуми Раиси ҲХДТ**

- Паёми Президенти Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ муқаррароти конститутсионӣ буда, дар асоси моддаи 69-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Президент сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакатро муқаррар менамояд.

Мувофиқи моддаи 55-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти мамлакат дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон бо паём дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ баромад менамояд.

16 декабр мо шоҳиди рӯйдоди муҳими таърихию хотирмон - Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олӣ гардидем.

Чуноне ки Президенти Тоҷикистон дар Паём ба Маҷлиси Олӣ таъкид намуданд, «соли 2025 барои мардуми шарифи Тоҷикистон ва давлати соҳибистиқлоли тоҷикон бо дастовардҳои назаррас ва рӯйдодҳои муҳим боз як соли таърихӣ гардид. Моҳи марти соли 2025 интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон, маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ва аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне чорабиниҳои муҳимми сиёсӣ дар фазои озод, шаффоф ва дар сатҳи баланд баргузор гардиданд».

Президенти сулҳовари мамлакат аз муҳимтарин рӯйдоди таърихии ҷумҳурӣ, яъне ҳалли пурраи масъалаҳои сарҳадии байни ду давлат – Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон ёдовар шуда, имзои шартнома дар бораи муайян кардани хати сарҳади давлатиро ёдовар гардиданд. Таъкид карда шуд, ки «Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар бораи нуқтаи пайвастшавии сарҳади давлатии се давлат ва Эъломияи Хуҷанд доир ба дӯстии абадӣ аз ҷониби сарони давлатҳо ба имзо расид, ки барои рушди минтақа ва идомаи ҳамкории судманд заминаи мустаҳками ҳуқуқӣ фароҳам месозанд».

Бешак, ин дастовардҳои муҳим, ки аз ташаббусҳои беназири роҳбарияти мамлакат, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маншаъ мегиранд, барои таъмини суботу амният дар минтақа нақши арзанда доранд.

Бо ифтихору сарфарозӣ метавон таъкид намуд, ки соли равон низ иқдому ташаббусҳои Пешвои муаззами миллат боиси боло рафтани эътибори Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ гардиданд. Баргузории Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳо барои амалисозии қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо», қабули қатънома доир ба «Ҳифзи пиряхҳо ва криосфера, бахусус, дар минтақаҳои кӯҳӣ», қабули қатъномаи махсуси Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид зери унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ», ба Феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гардидани ёдгориҳои мероси фарҳангии Хуттали қадим, қабули қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар хусуси эълон кардани соли 2027 ҳамчун «Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ» намунаи равшани ташаббусҳои Роҳбари давлати Тоҷикистон мебошанд, ки ин масъалаҳо дар Паёми Президенти Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ махсусан таъкид гардиданд. Тавре Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд: «Пазируфтани ин ташаббусҳо ифодаи эътироф ва дастгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ибтикороти созандаи Тоҷикистон оид ба масъалаҳои мубрами рӯзномаи глобалӣ ба ҳисоб меравад».

Боиси ифтихору сарафрозӣ аст, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ миллати моро ҳамчун миллати соҳибфарҳангу соҳибтамаддун мешиносад ва эътироф менамояд. Миллати мо давоми таърих арзишҳои бузурги маънавие эҷоду корбаст намудааст, ки туфайли он мо имрӯз ҳувияти хешро устувор нигоҳ доштем. Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ руҷӯъ ба арзишҳои бузурги маънавӣ амри бисёр зарурӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз ҳамин арзишҳо василаи муҳими баланд бардоштани эҳсоси ватандӯстию худшиносӣ ва муқовимат ба хатару таҳдидҳои замони муосир маҳсуб мешаванд.

Президенти Тоҷикистон дар Паём ба Маҷлиси Олӣ таъкид доштанд, ки «мо вазифадорем, ки дар баробари ифтихор кардан аз мероси оламшумули аҷдоди худ онро соҳибӣ кунем, омӯзем, идома диҳем ва барои наслҳои оянда ҳамчун ганҷинаи бебаҳои ҳувиятсоз ба мерос гузорем».

Мо бояд ифтихор дошта бошем, ки аҷдоди хирадманди мо «пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек»-ро ҳамчун арзиши бузурги инсондӯстона шиори зиндагии худ қарор доданд».

Бешак, таърих гувоҳ аст, ки аз ин ганҷинаи бебаҳои арзишҳои маънавии миллати мо на танҳо мардуми тоҷик, балки халқу миллатҳои дигар низ ба андозаи хиради хеш баҳра бардоштанд. Имрӯз дар олам халқу миллатҳое арзи вуҷуд доранд, ки новобаста аз нуфузи зиёд соҳиби давлату давлатдорӣ нестанд. Мардуми тоҷик маҳз ба туфайли арзишҳои маънавии хеш, ки дар радифи арзишҳои умумибашарӣ мақоми хосса доранд, ба зинаи имрӯзаи пешрафту камолот расида, дар арсаи байналмилалӣ мақоми шоиста дорад.

Аз ин рӯ, эҳтироми ин арзишҳо ва поку беолоиш ҳифз намудани онҳо вазифаи муқаддаси ҳар фарди тоҷик аст.

Президенти Тоҷикистон дар Паём ба Маҷлиси Олӣ ба Ҳукумати мамлакат ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дастур доданд, ки барои дар пойтахти кишвар - шаҳри Душанбе бунёд намудани Конун, яъне Маркази тамаддуни ориёӣ чораҷӯӣ намуда, бо назардошти ҳикмати ҷовидонаи Наврӯз, суннату анъанаҳои башардӯстонаи он ва истифодаи онҳо барои тарбияи наслҳои оянда дар шаҳри Душанбе Маркази байналмилалии Наврӯз бунёд гардад.

Ин тадбир ба ташаббусҳои бузургу беназири Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти худогоҳии миллӣ ва густариши эҳсоси худшиносию ватандӯстӣ саҳифаи наве ворид намуд, ки дар таърихи миллат бо ҳарфҳои тиллоӣ сабт гардид.

Соли 2026 барои мардуми мамлакат соли муҳиму хотирмон ва таърихӣ мебошад. Зеро мардуми мамлакат имсол ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо шукӯҳу шаҳомати хосса таҷлил менамоянд.

Ба ифтихори ин ҷашни муқаддас ва бузурги миллиамон, яъне 35-солагии Истиқлоли давлатӣ Пешвои миллат пешниҳод намуданд, ки соли 2026 «Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ» эълон карда шавад. Ин пешниҳод амри қонунӣ

*(Идома дар саҳ. 3)*

*(Идома аз саҳ. 2)*

гирифта, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи «Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ» ба тасвиб расид.

Ин тадбир масъулияти на танҳо мақомоти давлатӣ, балки ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилоти ҷамъиятӣ ва тамоми мардуми шарафманди мамлакатро водор менамояд, ки бо масъулияти баланд дар бунёдкорию ободонӣ ва амалӣ намудани сиёсати роҳбарияти мамлакат саҳм гузоранд.

Президенти Тоҷикистон зимни Паём ба Маҷлиси Олӣ шаҳрвандони ватандӯсти мамлакатро даъват намуданд, ки «мо бояд то ин санаи муқаддас корҳои созандагиро боз ҳам вусъат бахшида, чорабиниҳои ҷашниро бо сатҳу сифати баланд амалӣ созем. Ҳар шаҳрванд ва ҳар оила бояд бо дарки масъулияти ватансозию давлатсозӣ, пеш аз ҳама, хонаву кошона ва кӯчаву маҳалли зисти худро таъмиру тармим ва тозаву озода намояд».

Ин иқдом масъулияти моро ба иқдом гирифтан дар амалҳои шоиста ва корҳои муҳиму бунёдкорона тақозо менамояд. Маҳз шаҳрванди худшиносу ватандӯст бо эҳсоси масъулият дар иҷрои амалҳои хайр кӯшиш менамояд ва худро бетараф намегирад.

Таърих низ собит намудааст, ҳар кишваре, ки шаҳрвандонаш ватандӯсту худшинос ва аз назари фикрӣ қавӣ мебошанд, истиқлоли он ҳамеша пойдору устувор аст.

Давлате, ки шаҳрвандонаш эҳсоси баланди ватандӯстию худшиносӣ ва зарфияти зарурии сиёсӣ, фикрӣ, иҷтимоӣ ва эҷодӣ надоранд, дар шароити имрӯза ба бархурдҳои сиёсию тамаддунӣ, геополитикӣ ва хатарҳои рӯзафзуни ҷаҳони муосир тобовар буда наметавонад.

Ҳадафи аслӣ ва меҳвари фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро бояд ҷалби мардум ба корҳои созандагию бунёдкорӣ, таҳкими сулҳу субот ва таъмини зиндагии шоистаи сокинони мамлакат ташкил диҳад.

Таъкиди ин нукта низ бамаврид аст, ки худшиносию ватандӯстӣ омили суботу амният дар ҷомеа мебошад. Зеро нафари ватандӯст ба арзишҳои миллӣ эҳтиром гузошта, нисбат ба сарнавишти ватану миллат ҳамеша эҳсоси масъулият зоҳир менамояд.

Ватандӯстию худшиносии миллӣ дарки зарурати суботу амният, ваҳдат ва якпорчагии марзу буми ватан ва дар ҳифзи манфиатҳои миллӣ яктану якҷон будан аст.

Пешвои миллат ҳамеша суботу амниятро омили муҳими пешрафту шукуфоӣ арзёбӣ намуда, барои таҳкими он тамоми мақомоти давлатиро масъул ва вазифадор менамояд. Бешак, ҳама дастовардҳои давлати мо самари суботу амният мебошад. Вобаста ба ин Пешвои миллат таъкид доштанд, ки «маҳз сулҳу субот, амнияту осоиш ва волоияти қонун имкон дод, ки мо рушди босуръати иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву сиёсии кишварро таъмин карда, сатҳи некуаҳволии халқро баланд бардорем. Агар дар ҷомеа ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ, сулҳу суботи устувор ва волоияти қонун набошад, мо ба ягон ҳадафи неки худ намерасем ва ягон нақшаи мо амалӣ намегардад».

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ дастури раҳнамоест, ки ҳалли тамоми масъалаҳои ҷомеа дар он инъикос ёфта, ба таъмини рушди устувори мамлакат ва таҳкими давлатдории миллӣ равона гардидааст.

Амалисозии нуктаҳои муҳимми он вазифаи тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон, аз ҷумла хизматчиёни давлатии сатҳҳои мухталиф, кормандони масъули Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва ҳар фарди худшиносу ватандӯсти мамлакат мебошад.

**Бознашр аз АМИТ “Ховар”**

# ШАРҲУ ТАВЗЕҲИ ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР НОҲИЯИ ДӮСТӢ

**Бо ташаббуси Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Дӯстӣ ҳамоиш баргузор гардид.**



Дар ҳамоиш муовини якуми Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Маликшо Неъматзода, раиси ноҳияи Дӯстӣ Даврон Нишонзода, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон Саидзода Ҷамшед Ҳамро, раисони сохторҳои ҲХДТ дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи Бохтар, фаъолони ноҳия, аъзо ва ҷонибдорони ҳизб иштирок намуданд.

Пеш аз оғози ҳамоиш муовини якуми Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Маликшо Неъматзода бо ҷавонони фаъоле, ки дар озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ иштирок мекунанд, мулоқот анҷом дод. Сипас, меҳмонон аз китобхона ва Осорхонаи таърихиву кишваршиносии ноҳияи Дӯстӣ боздид намуданд.

Дар идома, дар толори Қасри фарҳанги ноҳия ҳамоиши ҳизбӣ доир гардид. Таъкид шуд, ки Паёми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳуҷҷати муҳими стратегӣ маҳсуб ёфта, масъалаҳои мубрами рӯз, аз ҷумла рушди устувори иқтисодӣ, таъмини амният, дастгирии занону ҷавонон ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардумро фаро мегирад. Инчунин, дар он ба ҳифзи арзишҳои миллӣ ва давлатдории тоҷикон таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст.

Ҳамчунин иброз гардид, ки бо дарназардошти соли 2026 ҳамчун «Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ» эълон шудан, масъулияти ҳизбиёни Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар татбиқи ин ҳадафҳо дучанд мегардад. Барои сазовор пешвоз гирифтани 35-солагии Истиқлоли давлатӣ аз ҳизбиён даъват ба амал оварда шуд, ки дар корҳои созандагиву бунёдкорӣ саҳми муносиб гузоранд.

Дар фарҷом, як қатор фаъолон бо мукофотҳои ҳизбӣ қадрдонӣ карда шуданд.

**Манбаъ: ҲХДТ-Ҳизбе бо рисолати ватансозӣ**



# ИШТИРОКИ РАИСИ ВИЛОЯТ ДАР МАЪРАКАИ НИҲОЛШИНОНӢ ДАР НОҲИЯИ ҶАЛОЛИДДИНИ БАЛХӢ

**Дар партави дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паёми солонаи худ ба Маҷлиси Олии мамлакат ироа намуданд, корҳои ободонию сарсабзгардонии муҳити зист дар вилояти Хатлон вусъати тоза касб намудааст.**

Ин тадбирҳо ба беҳтар намудани вазъи экологии маҳал, зебо гардонидани муҳити зист ва фароҳам овардани шароити мусоиди зиндагӣ барои аҳолӣ равона гардидаанд.

Бо ҳамин мақсад 20 декабр, узви Раёсати Кумитаи Иҷроияи Марказӣ ва вилоятии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид аз ҷараёни татбиқи тадбирҳои кабудизоркунӣ, беҳдошти замин ва обёрии заминҳои киштшавандаи ноҳияҳои Ҷалолиддини Балхӣ, Вахш ва Кӯшониён боздиди корӣ ба амал оварданд.

Дар доираи татбиқи «Барномаи давлатии кабудизоркунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040» дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ маъракаи ниҳолшинонӣ баргузор гардид. Ин иқдоми муҳим бо мақсади беҳтар намудани вазъи экологии маҳал, паст кардани таъсири омилҳои манфии муҳити зист, зебо гардонидани симои ноҳия ва фароҳам овардани муҳити солими зиндагӣ барои аҳолӣ роҳандозӣ шуд.



Дар ҷараёни маърака дар канори роҳҳои автомобилгард, маҳаллаҳо ва қитъаҳои муайяншуда ниҳолони гуногуни дарахтони сояафкану ҳамешасабз шинонида шуданд.

Зикр гардид, ки чунин ташаббусҳо дар ташаккули фарҳанги экологии ҷомеа низ аҳамият дошта, ҳисси зебоипарастии сокинонро меафзояд.

Ҳамзамон, раиси вилоят таъкид карданд, ки нигоҳубини минбаъдаи ниҳолҳо, обёрии саривақтӣ ва иштироки фаъоли аҳолӣ дар корҳои сабзкорӣ омили асосии пойдорӣ ва самарабахшии чунин иқдомҳо ба ҳисоб меравад.

Тибқи иттилои шуъбаи ҳифзи муҳити зисти ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ, дар мавсими навбатии ниҳолшинонии солҳои 2025–2026 шинонидани 32 ҳазор ниҳоли сояафкану ҳамешасабз, 345 ҳазор дона гулҳои мавсимӣ ва доимӣ, инчунин майсазоркунӣ дар масоҳати 9 ҳазор метри мураббаъ ба нақша гирифта шудааст. Ин нишондиҳандаҳо аз таваҷҷуҳи рӯзафзуни Ҳукумати мамлакат ба масъалаҳои ободонию сарсабзгардонии мамлакат шаҳодат медиҳанд.

То имрӯз дар ҳудуди ноҳия беш аз 7 ҳазор ниҳоли сояафкану ҳамешасабз ва 15 ҳазор гулу буттаҳои ороишӣ шинонида шудаанд, ки барои боз ҳам зебо гардидани симои ноҳия, беҳтар шудани муҳити зист ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат менамоянд.

**Хадамоти матбуоти раиси вилояти Хатлон**

# ПАЁМ–РАҲНАМОИ РУШДИ УСТУВОР ВА ОЯНДАИ ДУРАХШОНИ ТОҶИКИСТОН






**Бо мақсади шарҳу тавзеҳи муҳтавои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар ва татбиқи амалии дастуру супоришҳои он дар ҳаёти ҷомеа, дар театри вилоятии мусиқӣ-мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Бохтар ҳамоиши фаъолони вилояти Хатлон таҳти унвони «Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Паёми созанда ва кафили таъмини рушди босуботи кишвар» баргузор гардид.**

Дар ҳамоиш Анзурат Абдусаломзода, муовини раиси вилояти Хатлон, Саидзода Ҷамшед Ҳамро, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демок-ратии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, Рамазон Насриддинзода, сардори Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши вилояти Хатлон, як қатор роҳбарони ташкилоту муассисаҳо, фаъолони ҳизб, омӯзгорону донишҷӯён, аъзои намояндагии ТҶҶ "Созандагони Ватан" ва намояндагони Васоити ахбори омма иштирок намуданд.

Нахуст, Анзурат Абдусаломзода, муовини раиси вилояти Хатлон, зимни баромади хеш ибрози дошт, ки Паёми навбатии Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон саршор аз таҳлили амиқи дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ буда, он нишон медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои муосири ҷаҳонӣ мавқеи устувор пайдо намудааст. Ба таъкиди ӯ, суботу оромии ҷомеа, рушди босуръати иқтисод, таҳкими пояҳои давлатдорӣ ва нақши Тоҷикистон дар таъмини амнияти минтақавию байналмилалӣ аз дастовардҳои муҳимме мебошанд, ки дар Паёми имсолаи Роҳбари давлат бо далелҳои мушаххас инъикос ёфтаанд.

Зикр гардид, ки сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат боиси он шуд, ки Тоҷикистон дар баробари таҳдиду чолишҳои ҷаҳонӣ роҳи рушди мустақилона ва устуворро интихоб намояд ва имрӯз ҳамчун давлати ташаббускор дар арсаи байналмилалӣ шинохта шавад.

Сипас, Саидзода Ҷамшед Ҳамро, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон зимни суханронӣ таъкид намуд, ки Паёми Сарвари давлат барои ҳар як шаҳрванди ватандӯст ва хештаншинос ҳамчун дастурамал ва раҳнамои фардо хизмат мекунад. Ба гуфтаи ӯ, нуктаҳои калидии Паём аз сиёсати созандаи давлат сарчашма гирифта, татбиқи онҳо рушди устувори кишварро таъмин менамояд.

Раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилоят махсусан ба эълон гардидани соли 2026 ҳамчун «Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносию худогоҳии миллӣ» таваҷҷуҳ зоҳир намуда, онро далели равшани ғамхории Пешвои миллат нисбат ба ояндаи давлату миллат арзёбӣ кард.

Зикр гардид, ки ин ташаббус на танҳо ҷиҳати ободонии шаҳру деҳот ва беҳтар гардидани инфрасохтори иҷтимоӣ равона шудааст, балки дар таҳкими ҳисси ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва масъулияти шаҳрвандон нақши муҳим мебозад. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳамчун неруи пешбарандаи сиёсати давлатӣ дар ҷомеа, дар самти тарғиби ғояҳои Паём, ҷалби аҳолӣ ба корҳои ободонию созандагӣ ва баланд бардоштани маърифати сиёсӣ, хусусан миёни ҷавонон, фаъолияти густурдаро ба роҳ мондааст.

Дар идомаи ҳамоиш, Рамазон Насриддинзода, сардори Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши вилояти Хатлон, Наимзода Бекмурод, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти ДДБ ба номи Н.Хусрав, Зубайдуллозода Файзулло, ноиби ректори Донишгоҳи энергетикии Тоҷикистон ва дигар баромадкунандагон низ доир ба моҳияти Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ибрози назар намуда, онро ҳамчун ҳуҷҷати тақдирсоз барои рушди минбаъдаи кишвар арзёбӣ намуданд.

**Аҳлиддини МУБОРАКШОҲ,**
**“Ҳамрози халқ”**

# АНДЕШАҲОИ ФАЪОЛОНИ ҲХДТ ОИД БА ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

**Паёми солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, як санади муҳими сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат маҳсуб меёбад.**

Ин Паём натиҷаи ҷамъбасти кору фаъолияти яксолаи сохторҳои давлатӣ буда, ҳамзамон самтҳои асосии рушди минбаъдаи кишварро мушаххас менамояд. Паёми имсола, чун ҳамеша, бо таҳлили амиқ ва мукаммал тавсиф ёфта, бозгӯи дастовардҳои даврони истиқлол, нишондиҳандаҳои рушд ва афзоиши нуфузи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мебошад.

Дар Паём дастовардҳои муҳими кишвар, аз ҷумла суботу оромии ҷомеа, рушди иқтисод, таҳкими пояҳои давлатдорӣ ва мавқеи Тоҷикистон дар арсаи минтақавӣ ва байналмилалӣ бо далелҳои возеҳ баён шуданд. Зимни ироаи Паём ба рушди соҳибкорӣ, ҷалби сармоя, фароҳамсозии ҷойҳои корӣ ва беҳдошти сатҳи зиндагии мардум таваҷҷуҳи хос зоҳир гардид. Ин ҳама нишондиҳандаи он аст, ки рушди устувори Тоҷикистон ба заҳмати дастаҷамъӣ ва сиёсатиояндабинона такя дорад. Дар Паём ба самтҳои муҳим, аз ҷумла дастгирии занону бонувон, тарбияи фарзандони солим, эҳёи ҳунарҳои миллӣ, либоспӯшии миллӣ ва тарзи ҳаёти сарфакорона таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид. Ин нуктаҳо бозгӯкунандаи сиёсати ғамхоронаи Сарвари давлат нисбат ба оила ва насли ояндасози миллат мебошанд.

Паём барои ҳар як шаҳрванд дастурамал ва раҳнамои фардои дурахшон аст. Нуктаҳои калидии он аз сиёсати созанда ва дурбинона сарчашма гирифта, татбиқи онҳо кафолати рушди устувори кишвар аст.

Ташаббуси эълон шудани соли 2026 ҳамчун «Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносию худогоҳии миллӣ» на танҳо ба беҳбудии инфрасохтор ва симои шаҳру деҳот равона шудааст, балки нақши муҳим дар тақвияти ҳисси ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ дорад.

Мавриди зикр аст, ки яке аз нуктаҳои меҳварии Паёми навбатӣ ба соҳаи маориф нигаронида шуда, Пешвои миллат таъкид намуданд, ки: “Боло бурдани сатҳу сифати таълим, тайёр кардани кадрҳои баландихтисос ва воридсозии технологияҳои муосир ба раванди таълим вазифаи аввалиндараҷаи ҷомеа аст. Чун рушди кишвар ба насли босавод, хештаншинос ва соҳибкасб вобастагӣ дорад”.

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун ҳуҷҷати барномавии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ барои тамоми қишрҳои ҷомеа дастурамал аст. Аз ин рӯ, ҷомеаи бедор бояд бо эҳсоси масъулият дар иҷрои ҳадафҳои стратегӣ ва татбиқи нуктаҳои Паём саҳмгузор бошад.

Дар ин раванд, Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Кӯшониён бо ҷалби фаъолонаи сокинон, бахусус ҷавонон, ба корҳои ободонию маърифатӣ, тарғиби ғояҳои созандаи Пешвои миллат ва таҳкими худогоҳии миллӣ саҳми намоён гузошта истодааст.



**Ширинбек КАРИМЗОДА, раиси КИ ҲХДТ дар ноҳияи Кӯшониён**

Имрӯз вазъи мураккаби ҷаҳонӣ аз ҳар як шаҳрванди бедордил тақозо мекунад, ки дар ҳифзи дастовардҳои Истиқлоли давлатӣ, тарбияи насли наврас дар руҳияи худшиносиву ватандӯстӣ ва саҳмгузорӣ дар пешрафти ҷомеа масъулияти баланд эҳсос намояд.

Дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаҳои муҳими сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва таҳкими амнияту суботи кишвар таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуданд. Сарвари давлат бо нигаронӣ зикр намуданд, ки: “Вазъи бӯҳронии сиёсиву иқтисодии минтақаҳои гуногуни ҷаҳон ва таҳдидҳои глобалӣ, аз ҷумла тағйирёбии иқлим, ҷомеаи ҷаҳониро ба таҳдидҳои нав рӯ ба рӯ кардааст. Аз ин рӯ, Тоҷикистон бояд дар ҳамгирой бо ҷомеаи байналмилалӣ барои ҳифзи сулҳу субот, тавсеаи ҳамкориҳои созанда ва татбиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ пайваста талош намояд.

Паём ҳамчун барномаи мукаммали рушди давлат ва раҳнамои амал, моро ба сӯи ободӣ ва зиндагии шоиста роҳнамой мекунад. Дар шароити мураккабу печидаи ҷаҳони имрӯза, таҳкими робитаҳои гуногунсамт ва дарки амиқи арзиши суботи сиёсӣ омили муҳими рушди устувор ба ҳисоб меравад. Истиқлолу озодӣ ва ваҳдати миллӣ аз бузургтарин дастовардҳои таърихии миллати тоҷик мебошанд, ки ба оғози марҳилаи нави эҳёи давлатдории миллӣ замина гузоштанд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ таъкид намуданд: "Мо вазифадорем, ки ба хотири пешрафти давлати соҳибистиқлоламон, ободии Ватани аҷдодиамон ва мунтазам беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии ҳар як хонадони мардуми шарафманди Тоҷикистон ҳар рӯз ва ҳамеша саъю талош намоем... Мо бояд мисли ҳамеша сарҷамъу муттаҳид бошем, Ватанамонро сидқан дӯст дорем, онро соҳибӣ кунем, ҳисси баланди миллӣ дошта бошем, аз тоҷик будани худ ифтихор намоем".

Дар ҳақиқат, Истиқлолият рамзи ҳастиву бақои миллат ва рушди сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар мебошад. Тоҷикистон бо роҳбарии хирадмандонаи Пешвои миллат дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун давлати соҳибихтиёр ва ташаббускор муаррифӣ шуда, дар созмонҳои байналмилалӣ ҷойгоҳи арзанда пайдо кардааст. Истиқлоли давлатӣ барои рушди соҳаи маориф ва илм заминаи устувор фароҳам овард. Бо ташаббус ва роҳнамоии Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маориф ҳамчун самти афзалиятнок ва асосии сиёсати давлатӣ эътироф шудааст. Зеро рушди соҳаи маориф омили муҳими пешрафти миллат ва таҳкими пояҳои давлатдорӣ маҳсуб меёбад. Пешвои миллат дар Паёми имсолаи худ бо ифтихор иброз доштанд: «Зеро ба иттиҳоду сарҷамъӣ, ваҳдати миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва саъю талоши хастагинопазири ҳар фарди ҷомеа эътимоду итминон дорам. Хуб медонам, ки мо бо чунин мардуми ватандӯсту заҳматкаш тамоми нияту нақшаҳои некамонро дар солҳои наздиктарин амалӣ мегардонем ва Тоҷикистони азизамонро ба як кишвари пешрафтаву нерӯманд ва ободу сарсабз табдил медиҳем».

Бо чунин боварӣ, кормандони соҳаҳои маорифу илм, бахусус омӯзгорон, бояд Паёми Пешвои миллатро сармашқи фаъолияти касбии худ қарор дода, дар тарбияи насли созанда ва ватандӯст саҳми арзанда гузоранд. Таваҷҷуҳи давлат ба маориф нишони амиқи он аст, ки ояндаи дурахшони миллат дар дасти аҳли илму маърифат аст.



**Ғолибҷон СИДДИҚЗОДА, раиси КИ ҲХДТ дар ноҳияи Хуросон**

Санаи 16 декабри соли 2025 Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардид. Ин Паём чун ҳарвақта саршор аз андешаҳои таҳлилӣ, дурбинона ва дастурҳои амалӣ дар ҳамаи самтҳои ҳаёти кишвар, аз ҷумла соҳаи тандурустӣ буд.

Паёми имсола бори дигар собит кард, ки Пешвои муаззами миллат ба соҳаи тандурустӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои калидии ҳаёти ҷомеа таваҷҷуҳи хосса доранд.

Паём барои мо, кормандони соҳаи тиб ҳидоятгари масъулият, ахлоқи баланди касбӣ ва садоқат ба миллату давлат мебошад. Таъмини аҳолӣ бо хизматрасонии босифати тиббӣ, тарғиби тарзи ҳаёти солим ва тақвияти мубориза бо бемориҳои сироятӣ аз самтҳои муҳими фаъолияти мо ба ҳисоб меравад. Бо таваҷҷуҳи пайвастаи Роҳбари давлат ба соҳаи тандурустӣ сол аз сол шароити муассисаҳои тиббӣ беҳтар гардида, дастрасӣ ба хизматрасониҳои босифати тиббӣ зиёд шуда истодааст.

Дар партави Паём кормандони Беморхонаи марказии ноҳияи Шаҳритус тасмим гирифтаанд, ки фаъолияти худро боз ҳам беҳтар намуда, ба халқ содиқона хизмат расонанд. Бо роҳбарии Пешвои миллат ва дастгирии Ҳукумати кишвар соҳаи тандурустӣ дар ноҳияи Шаҳритус низ рушд мекунад ва мо бо эҳсоси масъулият дар пешбурди ин раванд саҳм мегузорем.



**Фаридун МУҲАММАДИЕВ, вакили Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Шаҳритус**

# ПАЁМ-РОҲНАМОИ ҶОМЕА



**Санаи 23 декабр дар Ҷамоати шаҳраки «Вахш»-и ноҳияи Вахш вохӯрии вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдусаломзода Мунаввар Алиакбар ва раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия Негматзода Азизулло бо сокинон баргузор гардид.**

Мавзӯи асосии вохӯрӣ шарҳу тавзеҳи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ буд. Зимни баромади худ Абдусаломзода Мунаввар Алиакбар таъкид намуд, ки дар Паёми Сарвари давлат таваҷҷуҳи махсуси Пешвои миллат, ба соҳаҳои илму маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва таъмини зиндагии шоистаи мардум равшан инъикос ёфтааст. Ба гуфтаи ӯ, ғамхории пайвастаи роҳбарияти олии кишвар нисбат ба ин соҳаҳо ҳамасола афзоиш ёфта, натиҷаи он дар баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ, аз ҷумла зиёд гардидани музди меҳнати кормандони соҳаи буҷетӣ ва нафақапулиҳо ба таври мунтазам зоҳир мегардад.

Ҳамчунин дар ҷараёни вохӯрӣ раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия Негматзода Азизулло баромад намуда, оид ба корҳои ободонию созандагӣ дар ноҳия, ғамхориҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба халқу миллат ибрози андеша намуд. Зикр гардид, ки мардуми ноҳия бо дастовардҳои назаррас ба истиқболи 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон омодагӣ мебинанд. Дар доираи вохӯрӣ миёни иштирокдорон ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон саволу ҷавоб сурат гирифта, ба саволҳои пешниҳодшуда ҷавобҳои мушаххас дода шуд. Қайд гардид, ки чунин вохӯриҳои вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдусаломзода Мунаввар Алиакбар дар дигар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳияи Вахш идома доранд.

**«Ҳамрози халқ»**

# ХОВАЛИНГ ДАР МАСИРИ ОБОДОНӢ



**Дар партави Истиқлоли давлатӣ ва татбиқи дастуру супоришҳои созандаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз Паём ба Маҷлиси Олии кишвар бармеояд, корҳои ободониву бунёдкорӣ дар тамоми қаламрави мамлакат, аз ҷумла дар ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон сол аз сол вусъати тоза касб намуда истодаанд.**

Имрӯз, Ховалинг ба яке аз ноҳияҳои рӯ ба рушд табдил ёфта, бо симои нав, инфрасохтори муосир ва шароити беҳтари иҷтимоӣ мардумро ба фардои дурахшон раҳнамоӣ мекунад. Тавре Раҳмоналӣ Муродов, мудири бахши сохтмон ва меъмории Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ховалинг иброз дошт, бахшида ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳия сохтмону ба истифода додани 221 адад бинову иншоот ба нақша гирифта шудааст. Хушбахтона, то имрӯз 162 адади онҳо пурра сохта шуда, мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки худ далели равшани фаъолияти пурсамар ва масъулияти баланди роҳбарону сокинони ноҳия мебошад.

Самти асосии сохтмонҳо ба рушди соҳаҳои маориф ва тандурустӣ равона гардидааст. Дар солҳои охир як қатор муассисаҳои таълимӣ бо синфхонаҳои иловагӣ таъмин шуда, бунгоҳҳои тиббӣ ва беморхонаҳои нав қомат афрохтанд. Бо ба истифода додани синфхонаҳои нав, мушкили камбуди ҷойи нишаст дар баъзе муассисаҳои таълимӣ ҳалли худро пайдо карда, барои хонандагон муҳити мусоиди таълим фароҳам омад. Ин иқдомҳо нишонаи ғамхории доимии давлату Ҳукумат ва Роҳбари давлат нисбат ба насли наврас ва солимии ҷомеа мебошанд.

Соҳаи тандурустӣ низ аз мадди назар дур намондааст. Бо бунёди бунгоҳҳои тиббии замонавӣ ва таъмиру таҷдиди муассисаҳои мавҷуда, сатҳи хизматрасонии тиббӣ беҳтар гардида, дастрасии аҳолӣ ба ёрии аввалияи тиббӣ боз ҳам осонтар шудааст. Ин ҳама барои беҳбуди сатҳи зиндагии сокинон заминаи мусоид фароҳам меорад.

Дар баробари ин, рушди соҳаи саноат низ дар меҳвари таваҷҷуҳ қарор дорад. Соли 2025 дар ноҳия се корхонаи коркарди сангу шағал ба истифода дода шуд, ки дар заминаи онҳо чандин нафар бо ҷойи кори доимӣ ва маоши хуб таъмин гардиданд. Фаъол гардидани чунин корхонаҳо на танҳо ба рушди иқтисоди маҳаллӣ мусоидат мекунад, балки сатҳи шуғли аҳолиро боло бурда, муҳоҷирати меҳнатиро коҳиш медиҳад. Бо қомат афрохтани биноҳои баландошёна симои ноҳияи Ховалинг боз ҳам зебову замонавӣ гардидааст. Айни ҳол сохтмони бинои панҷошёна бомаром идома дошта, дар оянда бунёди биноҳои боз ҳам баландтар дар назар аст. Ин ташаббусҳо шаҳодати онанд, ки ин ноҳияи кӯҳистони вилояти Хатлон тадриҷан ба маркази муосири зист табдил меёбад ва шароити зиндагии сокинон беҳтар мегардад.

Раҳмоналӣ Муродов, саҳми соҳибкорон, фаъолони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро дар корҳои ободонӣ назаррас арзёбӣ кард. Мегӯяд онҳо бо дарки баланди масъулияти шаҳрвандӣ ва дар партави сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо маблағгузории сохтмони иншооти иҷтимоӣ, таъмири роҳҳо ва дастгирии ташаббусҳои созанда дар рушди инфрасохтори ноҳия саҳми арзандаи худро мегузоранд. Ҳамкории давлату бахши хусусӣ имрӯз ба як неруи муҳими пешбарандаи рушди маҳаллӣ табдил ёфтааст.

Ҳамин аст, ки дар соли 2025 дар ноҳияи Ховалинг беш аз 13 километр роҳҳои маҳаллӣ мумфарш ва зиёда аз 20 километр роҳ сангфарш карда шудааст. Ин тадбирҳо рафтуомади сокинонро осон намуда, пайванди деҳотро бо маркази ноҳия ва бозорҳо мустаҳкам мегардонанд. Айни замон дар ҳудуди 5 ҷамоату деҳоти ноҳия корҳои таъмиру азнавсозии роҳҳо идома дошта, бомаром пеш меравад. Ҳамаи ин дастовардҳо самараи фазои сулҳу субот, сиёсати оқилонаи давлат ва заҳмати содиқонаи мардуми заҳматкаши ноҳияи Ховалинг мебошанд.

Раҳмоналӣ Муродов, илова кард, ки дар доираи ташаббуси ҳизбии таҳти унвони «365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ» низ аъзо ва фаъолони ҳизб дар бунёди синфхонаҳои иловагӣ, китобхонаву пулҳо, роҳсозию обёрӣ ва дигар корҳои созандагию бунёдкорӣ саҳми назаррас доранд.

Имрӯз сокинони ноҳия бо ҳисси баланди ватандӯстӣ ва



ифтихор аз Истиқлоли давлатӣ барои ободии диёри худ камари ҳиммат бастаанд. Бо чунин қадамҳои устувор метавон бо итминон гуфт, ки ноҳияи Ховалинг дар солҳои наздик боз ҳам ободтар, зеботар ва пешрафтатар гардида, саҳми худро дар рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон шоиста мегузорад, гуфт дар фарҷоми суҳбат Раҳмоналӣ Муродов, мудири бахши сохтмон ва меъмории Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ховалинг.

**Амонҷон МУҲИДДИНОВ**
**«Ҳамрози халқ»**

# ВОХӮРИИ ВАКИЛОН БО ИНТИХОБКУНАНДАГОН

Дар толори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ вохӯрии вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода Фирдавс Ҳамро, Ҳусния Исҳоқӣ Давлаталӣ ва Мирзозода Нурулло Абдулҳай, раиси ноҳия бо интихобкунандагон баргузор гардид.

Дар оғози ҳамоиш раиси ноҳия Мирзозода Нурулло меҳмононро хайрамақдам гуфта, аҳаммияти Паёми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро таъкид намуд.

Сипас, вакилон мухтавои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба Маҷлиси Олии кишвар шарҳ дода, самтҳои афзалиятноки сиёсати дохиливу хориҷиро тавзеҳ доданд. Аз ҷумла, ба рушди соҳаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг, кишоварзӣ, баланд бардоштани мақоми занон ва ҷавонон, тарбияи насли наврас ва ҷалби ҷавонон ба касбу ҳунар таваҷҷуҳ зоҳир гардид.



Дар охир, вакилон ба саволу пешниҳодҳои интихобкунандагон посух дода, ҳамзамон иброз доштанд, ки чунин вохӯриҳо идома хоҳанд ёфт.

# САМАРАИ ТАШАББУСҲОИ ҲИЗБӢ ДАР НОҲИЯИ ДӮСТӢ



Дар соле, ки сипарӣ мегардад аъзо ва ҷонибдорони ҳизби пешбарандаи ҷомеа дар тамоми самтҳои фаъолият ва ҳам корҳои бузурги созандагӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гардиданд. Бо шарофати роҳандозӣ гардидани ташаббусҳои ободониву созандагӣ ба истиқболи арзанда аз ҷашнвораи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ сол аз сол шаҳраку деҳкадаҳои ноҳияи Дӯстӣ симои наву замонавӣ пайдо карда истода, дар ҳудуди ноҳия даҳҳо иншооти гуногуни хизматрасонӣ, аз ҷумла, муассисаҳои соҳаҳои маориф, тандурустӣ фарҳанг ва биноҳои хуштарҳу замонавии маъмурӣ бунёд гардид.

Бинобар иттилои Ҳамидзода Абдулҳафиз, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Дӯстӣ, тайи чанд соли охир бо ибтикори аъзо ва ҷонибдорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар маҳаллаҳои гуногуни ноҳия 18 синфхонаҳои иловагӣ ва 46 адад иншооти гигиенӣ сохта ба истифода дода шудааст. Дар доираи аксияи ҳизбии “Мактаби ман” давоми соли ҷорӣ бо ибтикори Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Дӯстӣ ва ташкилотҳои ибтидоии зертобеи он дар ҳамкорӣ бо Кумитаҳои падару модарони муассисаҳои таълимӣ 146 суҳбату вохӯриҳо ташкилу баргузор намудем. Дар ин вохӯриҳо хатмкунандагони солҳои таҳсили 1990-2004 ба корҳои ободонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷалб карда шуданд, ки ҳамакнун ташаббускорону иштирокчиёни ин аксияҳо дар таъмири мактабу синфхонаҳо саҳми худро гузошта истодаанд. Умедворам, ки самараи ин суҳбату вохӯриҳоро имрӯзу дар солҳои оянда мушоҳида хоҳем кард.

**Соли 2025 бо муҳимтарин рӯйдодҳои сиёсиву фарҳангӣ, истиқболи арзанда аз ҷашнҳои фархундаи мамлакатамон ва дастоварду навгониҳои мардуми шарифи кишварамон дар хотири ҳар як фарди худогоҳу ватандӯст нақш хоҳад баст.**

Аъзо ва ҷонибдорони ҳизби пешбарандаи ҷомеа дар иҷрои нақшаҷорабиниҳо ба истиқболи ҷашнҳои фархундаи миллат нақши пешоҳангӣ доранд. Дар ин росто, ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ, ки шумораашон дар ноҳияи Дӯстӣ ба 100 адад мерасанд, бобати ҷалби қишрҳои гуногуни ҷомеа ба корҳои ободонӣ ва рушду пешрафти маҳаллҳо ҳамеша саъю талош менамоянд.

Мавриди зикр аст, ки аз шумораи умумии ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ 57 ададашон ташкилотҳои ибтидоии аз ҳисоби деҳаву маҳаллаҳо мебошанд. Ташкилоти ибтидоии ҳизбии “Хуррамдиёр” аз зумраи фаъолтарин ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ мебошад, ки 187 аъзо дошта, аз ин 28 нафарашон фаъолзанон мебошанд. Роҳбарии ташкилоти ибтидоии ҳизбиро раиси Ҷамоати деҳоти Хуррамдиёр Раҷаббек Абдуллоев бар зимма дорад. Ба гуфтаи ӯ дар ҳудуди деҳкадаи мазкур 182 хоҷагиҳои деҳқонӣ арзи вуҷуд доранд, ки аз ин 76 тои онҳо хоҷагиҳои пахтакорӣ буда, боқӣ хоҷагидорон бо кишту парвариши зироатҳои гуногун ва рушди соҳаи боғдорӣ, аз ҷумла, парвариши меваҳои хурмо, анор ва олу дар таъмини бозорҳои кишвар бо маҳсулоти тозаи экологӣ саҳми арзанда доранд.

Кишоварзони деҳкадаи Хуррамдиёр дар баробари заҳмати содиқона ҷиҳати бардоштани ҳосили фаровони зироатҳои кишоварзӣ ва ғанӣ гардонидани бозорҳо бо маҳсулоти аввалия, ҳамчунин, дар татбиқи ташаббусҳои ҳизбӣ ҳиссаи арзандаи худро гузошта истодаанд.

То имрӯз бо иқдоми аъзо ва ҷонибдорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар қаламрави Ҷамоати деҳоти Хуррамдиёр иншооти гуногуни хизматрасонӣ бунёд ва азнавсозӣ гардида, роҳҳои маҳаллӣ таъмиру сангфарш карда шудааст,- иброз дошт Раҷаббек Абдуллоев.

– Сокинони меҳандӯсти деҳоти Хуррамдиёр дар тамоми ҷабҳаҳои корзор содиқона заҳмат доранд, то ин ки ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо натиҷаҳои баланди истеҳсолӣ истиқбол намоянд. Мардум бо нишони ҷонибдорӣ аз ташаббусҳои ҳизбӣ, дар баробари вусъат бахшидани маъракаи ниҳолшинонӣ, ҳамзамон, ба тозаву озода кардани кӯчаву маҳаллаҳо ва манзилҳои истиқоматии худ иқдом гирифта истодаанд.

Тибқи иттилои Ҳамидзода Абдулҳафиз, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Дӯстӣ, аз шумораи 6236 нафар аъзои ҳизб дар ноҳия зиёда аз 40 фоизро занон ва 38 дарсадро ҷавонон ташкил медиҳанд. Давоми соли ҷорӣ бо ибтикори ин неруи созанда 70 маротиба вохӯриҳои “Хона ба хона” бо фарогирии 7260 нафар сокинони деҳу рустоҳои дурдаст ташкилу баргузор карда шудааст. Ҳамчунин, самараи ба роҳ мондани суҳбату вохӯриҳои маърифатнокӣ миёни ҷавонон ва ҷалби онҳо ба корҳои ободонӣ буда, ки сол аз сол фаъолгардии ин қишри ояндасоз дар рушду пешрафти соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи ноҳия барҷало мушоҳида мегардад. – Умуман, ҳизбиёни ноҳияи Дӯстӣ дар пешрафту тараққиёти ҳама самтҳои хоҷагии халқи ноҳия ҳиссаи арзанда гузошта, ҷиҳати амалисозии ҳадафҳои созандаи роҳбарияти олии мамлакат нақши пешоҳангӣ мебозанд. Дар ин баробар, бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар самти дастгирии қишрҳои ниёзманди ҷомеа ва расонидани дасти кумак ба ятимону шахсони барҷомонда иқдомҳои наҷибро роҳандозӣ намудаанд. Аз ҷумла, тайи 3 сол мешавад, ки Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Дӯстӣ 3 нафар шахсони эҳтиёҷмандро бо нафақаи ҳизбӣ таъмин намуда, моҳона ба ҳар нафари онҳо ба маблағи 500 сомонӣ нафақапулӣ медиҳад,- иброз дошт дар фарҷоми суҳбат Ҳамидзода Абдулҳафиз.

**Ҷамолиддин УСМОНИЁН,**
**“Ҳамрози халқ”**

# КОРҲОИ ФАҲМОНДАДИҲӢ БО УСУЛИ "ХОНА БА ХОНА"



## ЁВОН

Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии кишвар санаи 16 декабри соли ҷорӣ бармеоад, дар маҳаллаи Таваралӣ Карликови Ҷамоати шаҳраки Ёвони ноҳия корҳои таблиғотӣ бо усули "Хона ба хона" сурат гирифт.

Дар ин чорабинӣ кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ёвон иштирок намуда, бо сокинон рӯ ба рӯ суҳбат карданд.

Зимни суҳбатҳо намояндагони Кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҳизб доир ба масъалаҳои муҳими рӯз, аз ҷумла вазъи мураккаби ҷаҳони муосир, саҳмгузорӣ дар корҳои ободониву созандагӣ бахшида ба 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ, сарсабзу хуррамгардонии маҳал, ҷалби ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, риояи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешгирӣ аз шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ, пешгирӣ аз хурофоту бегонапарастӣ, тарғиби фарҳанги миллӣ ва амсоли ин андешаҳои худро иброз намуданд.

Мавриди зикр аст, ки баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ ва масъулияти шаҳрвандон дар муҳити маҳал ва тақвияти амнияту суботи ҷомеа дар ин чорабиниҳо амалӣ мегардад.

# 365 РӮЗИ ОБОДОНӢ, СОЗАНДАГӢ ВА БУНЁДКОРӢ

## ФАРХОР



Бо мақсади истиқболи сазовор аз 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ташаббуси навбатии Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон таҳти унвони "365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ" дар ноҳияи Фархор шанбегии умумӣ баргузор гардид.

Дар ин чорабинӣ кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия, фаъолон, аъзои ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ иштирок намуда, гирду атрофи муассисаҳо, кӯчаву роҳравҳои маркази шаҳрак ва дигар мавзеъҳои вобасташударо тоза ва озода намуданд.

Дар рафти шанбегӣ бехи дарахтони ҳамешасабз ва ороишӣ нарм гардида, новаҳои бетонӣ ва обравҳои ду тарафи роҳҳо аз партовҳо ва баргҳои хазонрез пурра тоза карда шуданд.

Ёдовар мешавем, ки иқдоми "365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ" аз ҷониби Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон эълон шуда, аз 1 сентябри соли 2025 то 1 сентябри соли 2026 идома меёбад. Он ҳадаф дорад саҳми ҳар як шаҳрванди ватандӯстро дар пешрафту шукуфоии кишвар бештар намояд.

# СОХТМОНИ МАКТАБИ МУОСИРИ ВАРЗИШӢ



## Ҷ.БАЛХӢ

Дар ҳудуди Ҷамоати шаҳраки Балхи ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ сохтмони мактаби варзишии кӯдакон ва наврасон идома дорад. Тавре Одиназода Шарифбек, сардори шуъбаи сохтмони асосии назди Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия иттилоъ дод, иншоот азду ошёна ва таҳхона иборат буда, мутобиқ ба талаботи муосири соҳаи варзиш тарҳрезӣ шудааст.

Дар таҳхона толори теннис ва дар ошёнаи якум утоқҳои ёрирасон, ҳуҷраи тиббӣ ва утоқҳои ивазкунии либос ҷой дода мешаванд. Ошёнаи дуюм толори барҳавои варзишӣ барои 400 нафар, утоқҳои корӣ ва хизматиро дар бар мегирад. Сохтмон дар доираи омодагиҳо ба 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ва ташаббуси ҳизбӣ зери унвони "365 рӯзӣ ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ" амалӣ шуда, барои рушди варзиш, тарғиби тарзи ҳаёти солим ва фароҳам овардани шароити беҳтари машқу мусобиқаҳо равона шудааст.

# ПАЁМИ ПУР АЗ ВАФОДОРӢ БА ВАТАН

## ВАХШ



Бо мақсади шарҳу тавзеҳи муҳтавои Паёми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар муассисаи интернати ноҳияи Вахш вохӯрии судманд доир гардид.

Дар он муовини раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия Дилшод Раҳматуллозода ва омӯзгорон иштирок намуданд.

Зимни вохӯрӣ Дилшод Раҳматуллозода доир ба нуктаҳои калидии Паём, бахусус соҳаи илму маориф ибрози андеша намуда, таъкид дошт, ки Пешвои миллат соҳаи маорифро ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ арзёбӣ намуда, таълими босифат ва тарбияи кадрҳои лаёқатмандро шарти рушди устувори кишвар номиданд.

# ТАҚДИМИ НАФАҚАИ ҲИЗБӢ БА ЭҲТИЁҶМАНД

## ТЕМУРМАЛИК

Дар доираи дастуру ҳидоятҳои Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати дастгирии маъюбон, оилаҳои ниёзманд ва камбизоат нафақаи ҳизбӣ ба шахсони эҳтиёҷманд расонида мешавад.

Бо ин мақсад Раҷабзода Маҳмадсаид, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Темурмалик ба аёдати Суфиев Баҳор маъюби гурӯҳи якум, сокини Ҷамоати деҳоти Кангурт рафта, ба ӯ нафақаи ҳизбиро тақдим намуда, аз шароити зиндагияш боздид ба амал овард.

# ГУЛШИНОНӢ-ҚАДАМИ УСТУВОР БА СӮИ МУҲИТИ ЗЕБО

## ШАҲРИТУС

Бо ташаббуси Бахши ҳифзи муҳити зист ва дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шаҳритус дар боғи маркази ноҳия маъракаи гулшинонӣ баргузор гардид.

Иқдоми мазкур дар доираи ташаббуси навбатии ҳизбӣ таҳти унвони "365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ" бо мақсади зебо гардонидани муҳити зист, афзоиши фазои сабз, баланд бардоштани ҳисси зебоипарастӣ ва тарғиби тарзи ҳаёти солим роҳандозӣ шуда, дар он аъзои ташкилотҳои ибтидоии ҳизб, кормандони бахш, намояндагони мақомоти маҳаллӣ, донишҷӯён ва сокинони фаъол иштирок карданд.

Ташаббусҳои ободонӣ дар ноҳия пайваста ҷараён дошта, барои ҳифзи табиат ва зебо нигоҳ доштани муҳити зист нақши созанда доранд.


**Ҳамрози халқ**
Ҳафтаномаи сиёсӣ - иттилоотӣ

**Аз соли 2003 нашр мешавад. Моҳи январи соли 2024 таҳти рақами №412/РЗ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.**

Муассис: **Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон.**

Сармуҳаррир: **Зебо Икромзода**

Ҳайати мушовара: **Давлаталӣ Саид,** раиси вилояти Хатлон, **Анзурат Абдусаломзода**, муовини раиси вилояти Хатлон, **Саидзода Ҷамшед Ҳамро,** раиси КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон.

Ҳайати эҷодӣ: **Амонҷон Муҳиддинов, Ҷамолиддин Усмониён, Раҷабалӣ Худоёрзода, Аҳлиддини Муборакшоҳ, Адиба Нодирова** рӯзноманигор, **Меҳроб Салимбеков,** саҳифабанд.

Ба хотири чандандешӣ мақолаҳое низ чоп карда мешаванд, ки на ҳама вақт ҳайати эҷодии ҳафтанома ва КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон ба муҳтавои он мувофиқанд. Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.. Матолиби ҳафтаномаро дар дигар васоити ахбори омма танҳо бо нишон додани манбаъ метавон истифода кард.

Нишонии мо: **шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ - 47, бинои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, ошёнаи сеюм.**

Телефонҳои мо: **(8 3222) 2-12-12**

Сомонаи КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон: **viloyat@hhdtkhatlon.tj**

E-mail: **info@hhdtkhatlon.tj**




Ҳафтанома дар чопхонаи нашриёти «Мега-Принт» бо теъдоди **24030** нусха нашр шуд.